# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.08.2025, №8
Барои сазовор донистани Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа

Диссертатсия дар мавзӯи "Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№16 аз 21.12.2024).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович, соли 1995 таваллуд шудааст.

Соли 2018 МДТ «Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур»-ро аз рӯйи ихтисоси "механиконии кишоварзӣ" хатм намуда, соҳиби дараҷаи бакалаври муҳандис шудааст. Соли 2020 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи магистриро аз рӯйи ихтисоси "Идораи давлатӣ" бо касби менеҷер-иқтисодчӣ ба даст овардааст.

Аз соли 2020 то 2023 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси докторант, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) таҳсил намудааст. Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2020 ҳамчун ассистенти кафедраи "Идоракунии молияи давлатӣ"-и МД «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз намудааст. Аз соли 2024 ба вазифаи муаллими калони кафедраи "Идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамӣ" интихоб гардида, то ҳол фаъолият бурда истодааст. Оиладор, соҳиби 2 фарзанд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, д.и.и., дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

- Аминов Иномҷон - д.и.и., профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- Ҳамитов Муҳитдин Сайдалиевич – н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи маркетинг, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи коршинос, дотсенти кафедраи маркетинг ва агробизнеси кишоварзии донишгоҳи мазкур, н.и.и., Ш.А. Бобоазиззода таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи маркетинг ва агробизнеси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон (аз 30.06.2025, суратҷаласаи №10) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 11 интишори илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Зоҳидов, К.С. Асосҳои назариявии фаъолияти маркетингӣ дар корхона [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – 2022. – № 4/1(58) – С. 69-74. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online).

2. Зоҳидов, К.С. Идоракунии фаъолияти маркетингӣ ҳамчун омили асосии рушди ташкилот [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – 2022. – № 4/2(51) – С. 165-169. ISSN 2707-8000 ББК 22.3+22.1+24. П-14.

3. Зоҳидов, К.С. Таҳлили муосири соҳаи идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ ва усулҳои он дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 3(62) – С. 137-145. ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

4. Зоҳидов, К.С. Принсипҳои асосии рушди хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4/1(63) – С. 151-157. ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

5. Зоҳидов, К.С. Мукаммалгардонии раванди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4/2(64). – С. 203-210. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online).

6. Зоҳидов, К.С. Ҷанбаҳои назариявии рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4/1(49). – С. 43-48. ISSN 2308 – 054X.

7. Зоҳидов, К.С. Хусусиятҳои ташкил ва рушди хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиқкунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 3(37) – С. 131-142.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Тақриз ба автореферат аз номи д.и.и, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар бо чунин эродҳо:

- дар таҳлили муқоисавӣ ва натиҷагирӣ истифодабарии воситаҳои визуалӣ (графикҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳои васеъ) метавонист муаррифии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам равшантар гардонад;

- ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти маркетинги экологӣ ва таъсири он ба тағйири рафтори истеъмолкунандагон метавонистанд бо шиддати бештар таҳқиқ шаванд.

2. Тақриз ба автореферат аз номи н.и.и., мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Раҳматзода У.Р. бо чунин эродҳо:

- меъёрҳои арзёбии таъсири иҷтимоӣ ва экологӣ ба фаъолияти маркетингӣ метавонистанд бо таҳлили муфассалтар ва бо маълумоти бештар ғанӣ гардонида шаванд;

- дар баъзе ҳолатҳо, имконияти муаррифии натиҷаҳо бо васила҆ҳои графикӣ (диаграммаҳо, ҷадвалҳои муфассал) кам истифода шудааст.

3. Тақриз ба автореферат аз номи д.и.и., профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии ДТТ Абдуғаффор Рауфӣ бо чунин эрод:

- агар дар автореферати диссертатсия методи таҳқиқоти маркетингии муайян кардани талабот ба фаъолияти соҳибкории экологӣ нишон дода мешуд, он гоҳ мазмуни кор боз ҳам бой мегашт.

4. Тақриз ба автореферат аз номи н.и.и., сардори шуъбаи омӯзиши технологияҳои рақамӣ ва иқтисодиёти сабзи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Асадуллозода А.А. бо чунин эродҳо:

- пешниҳод мешавад, ки дар оянда таҳқиқоти амалӣ дар бахшҳои мушаххаси соҳибкории экологӣ бо истифода аз усулҳои рақамӣ ва таҳлилҳои стратегӣ бештар амалӣ гардад;

- баррасии манбаъҳои байналмилалӣ дар қисмати назариявӣ ва муқоисавӣ метавонистанд васеътар гарданд.

5. Тақриз ба автореферат аз номи мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров, д.и.и., профессор Алиджанов Ҷамшед Д. бо чунин эродҳо:

- агар унвонҷӯ нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллиро ба фаъолияти маркетингӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медод, боз ҳам хубтар мебуд;

- инчунин мебоист мавод оид ба ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ вобаста ба фаъолияти маркетингӣ гирд оварда мешуд, ки дар натиҷа мазмуни кор боз ҳам такомул меёфт.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари

муайян кардани баъзе норасогиву камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудааст:*** ҷанбаҳои назариявии танзими фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон аниқ карда шуда, мафҳум, маъно ва моҳияти хизматрасонии маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ ва нақши он дар рушди хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фаъолияти самаранок мушаххас карда шудаст;
- ***пешниҳод шудааст:*** асосҳои илмии мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ, омилҳои таъсиркунанда ва танзими он дар шароити иқтисоди бозор, инчунин зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти маркетинг дар соҳаи соҳибкорӣ;
- ***асоснок гардидаанд***: тадбирҳо барои такмили усулҳои фаъолияти маркетингӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ дар асоси баҳодиҳии афзалияти муқоисавии он дар соҳаи соҳибкорӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:** аҳамияти нақши соҳибкории экологӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ беназир буда, самаранокии низоми иқтисодиро таъмин менамояд, зеро он дар шароити шадиди рақобатӣ қобилият ва хусусияти эҷодкории соҳибкориро нишон медиҳад.

- ***баррасӣ гардидааст***: ҷанбаҳои илмию назариявии рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси рушди фаъолияти маркетингӣ;
- ***истифода шудаанд***: раванди таҳқиқи масоили марбут ба инкишоф ва ташаккули фаъолияти маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ, бо роҳи истифода аз методҳои умумии илмӣ: равиши системавӣ ва истифодаи усулҳои таҳлили умумииқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ ва усули мантиқӣ сурат гирифтааст.

Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намудаанд:

- таҳлили вазъи муосири фаъолияти маркетингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи соҳибкории экологӣ гузаронида шудааст;
- самтҳои асосии такмили механизми фаъолияти маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудаанд;
- заминаҳои беҳбуди механизми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ дар асоси баҳодиҳии афзалияти муқоисавии он дар соҳаи соҳибкорӣ таҳия гардидаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои истифода дар сохторҳои соҳибкории экологӣ ва корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтааст;
- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмилдиҳии заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда ва инчунин дар фаъолияти соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти

таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ имконият фароҳам оваранд;

- тавсияҳои асосии методӣ ва амалӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои рушди маркетинг дар соҳибкории экологӣ дар кишвар дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро ёбанд;

- ***муайян карда шудааст***, ки хусусиятҳои хоси фаъолияти маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ хусусият ва хислатҳои низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии асри XXI-ро тавсиф дода, асоси рушди консепсияи «иқтисоди сабз» мебошад.

- ***пешниҳод карда шудааст:*** барои арзёбии самаранокии фаъолияти соҳибкории экологӣ усулҳои асосии рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** таҳлили пурраи кори муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, СМР то соли 2030, иртиботи маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти соҳаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

- ***назарияи*** таҳқиқот дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла маркетинг ва соҳибкорӣ, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба муҳити институтсионалии соҳибкории экологӣ ва ғайраҳо бунёд шудааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот аз таҳлили дастуру супоришҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳои гуногун ва дигар маводи таҳлиливу таҳқиқотӣ сарчашма мегирад;

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба рушди назарияи фаъолияти маркетингӣ дар мисоли соҳибкории экологӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои истифода дар муҳити соҳибкории миллӣ мебошад;

- ***коркарди*** тавсияҳои илмӣ оид ба ташаккул ва рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти пешрафти иқтисодиро васеъ гардонида, соҳибкории экологиро яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодии муосир мегардонад, зеро мақсади рушди соҳибкорӣ дар кишвар, ташкил ва зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ, фоиданокӣ, бештар қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматҳо мебошад.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд;

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба такмилдиҳии назария ва амалияи рушди соҳибкории экологӣ дар доираи фаъолияти маркетингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад;

- тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни

таҳияи матни лексияҳо, маводҳои ёрирасонии таълимӣ аз фанҳои «Асосҳои маркетинг», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ» бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳаи иқтисодӣ истифода шуда истодаанд (маълумотнома дар бораи татбиқ аз Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2017-2024 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 26 августи соли 2025 қарори сазовор донистани Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисос (доктори PhD) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил - 0, бюллетени беэътибор - 0.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**